# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.**

Давлат шакли сиёсии ҷомеа ва падидаи мураккаб буда, дар масири таърихи инсоният ташаккул ва инкишоф ёфтааст. Дар ташкил ва таҳкими давлат унсурҳои гуногун накши бузург доранд. Ватандӯстӣ ҳамчун категорияи фалсафӣ-аксиологӣ унсури муҳим дар раванди давлатдорию давлатсозӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзӯи диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муҳим буда, таҳқиқи он барои рушди давлатдории миллӣ аҳамияти бузург дорад.

Ба ибораи дигар, давлат ниҳоди асосии низоми сиёсии ҷомеа буда, дар идоракунии низом, муназзаму босубот нигоҳ доштани он ва муайян намудани самти рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мақоми асосиро ишғол мекунад.

Унвонҷӯ паҳлуҳои гуногуни масъалаи ватандӯстӣ ва тафсири гуногуни мафҳуми «ватандӯстӣ»-ро таҳлил намуда, навиштааст, ки вобаста ба омӯзиши ин масъала тарзу усулҳои гуногуни таҳқиқот истифода бурда мешаванд, ки ҳеҷ яке аз онҳо моҳияти ин падидаи мураккабро ба пуррагӣ шарҳ намедиҳанд. Ба андешаи мо, дар адабиёти илмию таҳқиқотӣ, махсусан дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, масъалаи ватандӯстӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Дар омӯзиши табиат, моҳият ва мазмуни ватандӯстӣ бо дарназардошти тағйиротҳои ҷиддие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рух додаанд, танҳо аввалин қадамҳо гузошта шудаанду халос. Дар робита бо ин ва инчунин бо дарназардошти зарурияти дарёфти муносибатҳои нав дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мешавад.

Ватандӯстӣ бо дарки таърихи пурғановати халқ алоқаманд мебошад. Ба ибораи дигар, ватандӯстӣ муҳаббат ва эҳтиром ба гузаштаи халқ ва ояндаи кишвар ба шумор меравад.

Унвонҷӯ ташаккули ватандӯстиро дар шароити давлатдории миллии тоҷикон таҳқиқ намудааст ва онро ба се марҳилаи асосии таърихӣ ҷудо

намудааст. Таҳлили марҳилаҳои раванди ташаккул ва рушди ватандӯстии халки тоҷик баёнгари он аст, ки хар як марҳила хусусиятҳои хосси худро дошта, дорои зиддият ва душвориҳо мебошанд.

Аммо яке аз марҳилаҳои муҳимми ташаккул ва рушди ватандӯстию хештаншиносии миллии халқи тоҷик солҳои 80-уми асри XX ба ҳисоб меравад, ки дар таҳқиқот ин давра камтар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар адабиёти ватанӣ низ то ҳол паҳлуҳои гуногуни ин давра пурра таҳқиқ нашудааст. Хуб мешавад, ки дар оянда ҳангоми омода намудани монография марҳилаи мазкур таҳқиқ карда шавад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар автореферат дар баробари муваффақиятҳо инчунин баъзе камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки онҳо хусусияти имлоию техникӣ дошла, ислоҳпазир мебошанд.

Таҳқиқоти мазкур аз рӯйи нишонаҳои тахассусии худ ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, барои рушди илмҳои сиёсии ватанӣ аҳамияти калон дорад.

Дар умум автореферат фарогири мазмуну муҳтавои пурраи диссертатсия буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда муаллифи он Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович барои сохиб шудан ба унвони илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руй ихтисос 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои сиёсӣ,
Мудири кафедраи фанҳои
гуманитарии ДДТТ., дотсент Немонов Дж.М.

734055 г. Душанбе, ул. Дехоти 1/2, Тел.: (+992372) 34-83-46
Email: falsafa-64@ mail. ru

Имзои Неъмонов Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С. С.